Тақриз

ба автореферати Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи "Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ

Мусаллам аст, ки матни барномаҳои радио ва телевизион барои ташаккули забони адабии тоҷикӣ нақши муҳимро ба ҷо меоварад, чунки ҳамарӯза ба гӯши шунаванда мерасад ва калимаву истилоҳоти ҷолиби ин барномаҳо дар зеҳни шунаванда накш мебандад. Аз ин ҷиҳат, омӯзиш, пажуҳиш ва таҳлили бархе аз барномаҳои радио ва телевизион яке аз масъалаҳои мубрам ва муфиду судманди забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар матни барномаҳо миқдори зиёди вожаву истилоҳот, иборахои махсуси фразеологӣ ва зарбулмасалу маколҳо садо медиҳанд.

Лозим ба зикр аст, ки таркиби луғавии забон, аз ҷумла барномаҳои радио ва телевизион дар натиҷаи тағйироту дигаргуниҳои ҷомеа дар ҳоли ташаккул ва таҳаввул қарор дорад. Бинобар ин, дар натиҷаи пешрафти илму техника, иқтисод, фарҳанг, муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ бо кишварҳои хориҷӣ, инчунин рушду густариши соҳаҳои дигари рӯзмарраи мардум барои ҷомеаи башарӣ воҳидҳои луғавиеро ба миён меорад, ки на танҳо ба забони адабӣ, балки ба матни барномаҳои радио ва телевизион низ таъсири худро мерасонад.

Диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра, ки ба таҳлил ва таҳқиқи "Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" бахшида шудааст, айни муддаост. Масъалаи мавриди андеша аз ҷиҳати интихоби мавзуъ дорои аҳамият ва арзиши махсус буда, яке аз масъалаҳои доғи рӯзи забоншиносии муосир, муайян намудани вижагиҳои савтӣ (овозӣ), маъной ва фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии

радиои Тоҷикистон дар натиҷа ба ҳадафи дар пеш гузоштаи худ ноил гаштааст.

Бо вуҷуди ин, дар баробари комёбиҳову дастовардҳои пуарзиш ва судманди илмӣ дар масъалаи таҳлил ва таҳқиқи хусусиятҳои савтӣ, маъноиву фразеологӣ ва услубии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" баъзе камбудиву норасоиҳо, ғалатҳои услубиву мантиқӣ, имлоӣ, техникӣ дар фишурдаи диссертатсия рох ёфтааст, ки иборатанд аз:

1. Бандубасти бархе аз ҷумлаҳо аз ҷиҳати услубу мантиқ таҳрирталаб мебошанд: Соҳибистеъдоди воқеӣ нисбат ба худ серталаб аст ва дар навбати аввал тарбияи ӯ меистад (сах. 25). Агар ин ҷумла дар шакли зайл бандубаст мешуд, хубтар мебуд: Соҳибистеъдоди вокеӣ бояд нисбат ба худ серталаб бошад ва дар баробари ин тарбияи хуб доштаи ӯст.

2. Баъзе калимаҳо шакли шикастаи ҷамъбандӣ доранд ва дубора ҷамъбандӣ шудаанд: бар тибқи ин ривоётҳо... (сах.14). Вожаи ривоёт шакли ҷамъи ривоят аст, бинобар ин, ҳоҷати ҷамъбандии дуюмбораи он сахех нест.

3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ ба мушоҳида расид: сах. 4,6,7,8,9,10,12,13,14,15,17,20,24.

Дар маҷмуъ, ғалатҳои ҷойдошта бештар вижагиҳои имлоиву китобатӣ, техникӣ, ҷо-ҷо услубиву мантиқӣ дошта, моҳияти илмӣ ва комёбиву дастовардҳои муҳаққикро коста намесозанд, онҳо ислоҳшаванда буда, боиси сифатан беҳтар шудани ҷанбаҳои илмии диссертатсия, махсусан монография маҳсуб меёбанд.

Бинобар ин, таҳқиқоти Мансурова Моҳчеҳра дар мавзуи "Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" кори анҷомёфта ба ҳисоб рафта, посухгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муҳаққиқи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ аст.

Мукарриз:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи идоракунии захирахои
инсонии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон _____ **Саидов Нуралӣ**

Имзои дотсент Н.С. Саидовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрхо, коргузорӣ ва
корхои махсуси АИДНПҶТ _____ **Хамидов Ш.Б.**

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

« 14 » декабри соли 2022